# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили коммуникативӣ-семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна ба таҳқиқу таҳлили коммуникативӣ-семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев) бахшида шудааст. Одоби муҳоварат қисми таркибии одоби муошират буда, урфу одат, расму оинҳоеро дар бар мегирад, ки аз насл ба насл гузашта, дар муносибати байниҳамдигарии одамон тавассути нутқ ифода меёбад. Ба ибораи дигар, он арзиши иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва миллӣ дар забон, нутқ ва муошурати одамон мебошад. Одоби муҳоварат воҳидҳои забониеро дар бар мегирад, ки бо одоби муошурати муносибу шоиста ва сазовору боэҳтиром алоқаманд аст. Он ба ҳама халқҳо хос буда, хусусиятҳои миллии одоби муошурати ҳар як халқро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, одоби муҳоварат аз шахс одобу хиради махсусро тақозо мекунад. Вожаю истилоҳоти ин соҳа дар баробари луғатҳои дигар як ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд ва муаррифгари ҳар қавму миллат буда, бо таърихи халқи тоҷик робитаи ногусастанӣ доранд.

Муҳаққиқ дар муқаддима бамаврид қайд менамояд, ки солҳои охир мавзуи одоби муошират дар баробари илмҳои фалсафа, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, этнопсихолингвистика дар таҳқиқоти забоншиносӣ низ мавқеи муайян пайдо карда, таваҷҷуҳи беандоза ба он босуръат идома дорад. Омӯзишу таҳқиқи коммуникативию семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат яке аз вазифаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик маҳсуб ёфта, яке аз воситаҳои боэътимоди ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони тоҷикӣ ва баланд бардоштани фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Ин воҳидҳо дар ҳамаи забонҳои дунё дар мавридҳои зарурӣ ва самаранок дар забони мардум ба кор бурда мешаванд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии воҳидҳои одоби муҳоварати тоҷикӣ, ки ҷузъи фарҳанги миллӣ мебошанд, муҳимму арзишманд ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои забонии лексикаи одоби муошират имконият пайдо мешавад, ки ҷанбаҳои мавзуӣ, семантикӣ ва иртиботии вожаву ибораҳо муайян карда шуда, раванди ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ошкор карда шавад. Дар забони тоҷикӣ омӯзиш ва таҳқиқи лексикаи соҳаи одоби муҳоварат дар асари бадеӣ дар

замони имрӯза аз масъалаҳои мубрам ва саривақтӣ маҳсуб мешавад. Таҳқиқоти Файзова Таҳмина Иззатуллоевна таҳқиқоти аввалин аст, ки дар он вижагиҳои лексикаи соҳаи одоби муоширати, ки бо устуворӣ ва рехтагии таркиби луғавии худ тафовут дошта, дар гуфтор оҳангу тобишҳои маъноиро равшантар, барҷастатар инъикос менамояд ва онҳо аз рӯйи мазмуну муҳтавояшон дар дараҷаи баланд қарор доранд, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар диссертатсия муҳаққиқ вижагиҳои маъноӣ ва асноии одоби муҳоваратро дар асари бадеӣ, ки басо мубрам ва муҳим маҳсуб мешавад, дар заминаи маводи сершумори осори Ф. Муҳаммадиев мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки воҳидҳои одоби муҳоварат дар забони тоҷикӣ бори нахуст ба сифати мавзуи диссертатсионӣ ба таври системавӣ ва ба сурати таҳқиқи монографӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир таҳлилу таҳқиқ мешаванд. Ҳамчунин ин маводи соҳавӣ бо забони адабӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, бори нахуст ҳудуди интишори калимаҳои марбут ба забони мавриди назар ва таъсири омилҳои забонӣ ва фарозабонӣ (экстралингвистӣ) муайян карда мешавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар он натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант дар рушди минбаъдаи назарияи лингвистикаи коммуникативӣ, омузиши қолабҳои жанрҳои одоби муҳоварат дар осори бадеӣ саҳм мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таълими одоби муҳоварати тоҷикӣ, ҳамчунин дар таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони модарӣ ва ҳамчун забони хориҷӣ кӯмак хоҳанд кард. Ҷанбаи дигари арзишманди таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷа ва маводи амалии он дар лексикография ҳангоми тартиб додани луғатҳои муаллифӣ, луғатҳои семантикӣ ва луғатномаҳои одоби муҳоварат, муҳовараҳо истифода шуда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқи мазкур дар машғулиятҳо оид ба одоби муошират ба омӯзиши амиқи забони модарӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, инчунин ба эҳёи маънавӣ, эстетикӣ ва фарҳангӣ мусоидат карда метавонанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, феҳристи онҳо дар охири автореферат оварда шудааст. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи **«Таҳлили коммуникативӣ-семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)»** анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи **«Таҳлили коммуникативӣ-семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)»**, ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

1. **Султон Ҳасан Баротзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ;
2. **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
3. **Ба сифати муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Гадоев Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Раҳмонова Н.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҳомидов Д.

«3» июли соли 2024